**ХУЛОСАИ НИҲОИИ**
**Шурои диссертатсионии 6D. КОА-067-и назди**
**Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

**Парвандаи аттестатсионии №___**
**Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 09.01.2024, № 2**

Барои сазовор донистани Гулова Маъмура Нуровна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ.

Диссертатсияи Гулова Маъмура Нуровна дар мавзуи ”Номи рустаниҳо дар лаҳҷаҳои ноҳияи Айнӣ: ҷанбаҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохторӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ рӯзи 17.10.2023 (суратмаҷлиси №14) аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D. КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми декабри 2022, таҳти № 307 ) барои ҳимоя иҷозат дода шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Гулова Маъмура Нуровна шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1-уми сентябри соли 1977 дар ноҳияи Айнии вилояти Суғд дар оилаи коргар таваллуд шудааст. Солҳои 1994-1996 дар омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Панҷакент ва солҳои 2000-2005 дар факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳсил кардааст. Солҳои 2005-2009 аспиранти шуъбаи ғоибонаи Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ ва баъдан унвонҷӯйи шуъбаи забони тоҷикии ҳамин Институт буд.

Гулова Маъмура Нуровна солҳои 1996-2002 омӯзгори синфҳои ибтидоии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 20-и ноҳияи Айнӣ ва аз соли 2002 то соли 2005 дар вазифаи лаборант ва аз соли 2005 то ҳол дар вазифаҳои ассистент ва муаллими калони кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур кору фаъолият мекунад.

Диссертатсия дар шуъбаи забони тоҷикии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – номзади илмҳои филологӣ, и.в. дотсент, мудири кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Носиров Сабур Музаффарович мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

**Ҳомидов Дилмурод Раҷабович** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

**Юсупова Сурайё Абдумаҷидовна** – номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забоншиносӣ ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Сафарова Г. Ф., эксперт – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи мазкур Абдуллоева Г. З., котиби илмии ҷаласа – номзади илмҳои филологӣ, дотсент Усмонова М. Х. имзо гардида, бо имзою муҳри ректори муассиса, доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Жило Бурӣ тасдиқ ва пешниҳод шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи номзадии Гулова Маъмура Нуровна дар мавзуи ”Номи рустаниҳо дар лаҳҷаҳои ноҳияи Айнӣ: ҷанбаҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохторӣ” таҳқиқоти илмии бaанҷомрасида буда, ба талаботи бандҳои 31-37-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 ба тасвиб расидааст, мувофиқат карда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 - Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

Муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъйин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи забоншиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳо таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ вобаста ба мавзуи диссертатсия 7 мақолаи илмӣ чоп намудааст, ки аз он 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 мақола дар маҷаллаву маҷмуаҳои дигари илмӣ ба нашр расидаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. Гулова М. Н. Чанде аз намудҳои хӯрокворӣ дар гӯйиши мардуми Фалғар [Матн] / М. Н. Гулова // Паёми ДМТ, № 4\3 (137). – Душанбе, 2014 – С. 75-78.

[2-М]. Носиров С. М., Гулова М. Н. Калимаҳои ифодакунандаи номи анвои зардолу дар лаҳҷаҳои ноҳияи Айнӣ [Матн] / С. М. Носиров, М. Н. Гулова // Ахбори АМИТ (маҷаллаи илмӣ, шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ), №1 (254). – Душанбе, 2019. – С. 197-201.

[3-М]. Гулова М. Н. Калимаҳои ифодакунандаи номи дарахтони мевадор дар лаҳҷаҳои ноҳияи Айнӣ [Матн] / М. Н. Гулова // Суханшиносӣ, №3. – Душанбе, 2019. – С. 60-71.

[4-М]. Гулова М. Н. Вожагони алоқаманд ба дарахтони мевадор дар лаҳҷаҳои ноҳияиАйнӣ [Матн] / М. Н. Гулова // Ахбори АМИТ ( маҷаллаи илмӣ, шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ), №4 (261). – Душанбе, 2020. – С. 229-231.

[5-М]. Гулова М. Н. Номи рустаниҳо-ҷузъи таркиби луғавии забон [Матн] / М. Н. Гулова // Ахбори АМИТ (маҷаллаи илмӣ, шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ), №2. – Душанбе, 2021. – С. 232-235.

**Дар маҷаллаҳои илмии дигар:**

[6-М]. Носиров С. М., Гулова М. Н. Калимаҳои содаи ифодакунандаи номи рустаниҳо ва мафҳумҳои ба онҳо вобаста дар лаҳҷаҳои ноҳияи Айнӣ [Матн] / С. М. Носиров, М. Н. Гулова // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи "Афзалиятҳои рақобати иқтисоди миллӣ ҳангоми гузариш ба модели навини рушди иқтисодӣ (24-25-уми апрели соли 2020). – Душанбе: ДТТ, 2020. – С. 288-291.

[7-М]. Гулова М. Н. Калимаҳои ифодакунандаи номи сабзавот ва рустаниҳои полезӣ дар лаҳҷаҳои ноҳияи Айнӣ [Матн] / М. Н. Гулова // Материалы международной научно-практической конференции "XIII ломоносовские чтения" посвященной 115-летию академика Б. Гафурова (28-29 апреля 2023 года). – Душанбе: филиал МГУ имени М. В. Ломоносова в городе Душанбе. – С. 181-186.

**Ба автореферати диссертатсия аз муассиса ва муҳаққиқони зерин тақризҳо ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

1. **Тақризи** ба автореферати диссертатсия навиштаи доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев Офаридаев Назрӣ мусбат буда, дар он чунин эродҳо зикр шудааст:

- рустаниҳо маъмулан номи байналмилалии ботаникӣ низ доранд, ки дар корҳои забоншиносӣ низ истифода бурда мешаванд. Дар автореферат ин масъала риоя нагардидааст;

- ҳангоми таҳлили калимаҳои сохтаи ифодакунандаи рустаниҳо оид ба калимаҳое, ки бо пасванди -ич (вағнич ва ғ.) сохта шудаанд, маълумоте дида намешаванд;

- хуб мешуд, агар калимаҳои алоҳида аз ҷиҳати таърихию этимологӣ ташреҳ меёфтанд.

2. **Тақризи** ба автореферати диссертатсия навиштаи доктори илмҳои филологӣ, мудири кафедраи забони тоҷикии Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино” Низомова Санавбар Фахриевна мусбат буда, дар он чунин эродҳо ҷой доранд:

- ба андешаи мо, агар диссертант дар кор аз овонависии байналмилалие, ки ба алифбои лотинӣ асос ёфтааст, истифода мекард, аҳаммияти кор боз ҳам афзунтар мегардид;

- дар матни фишурдаи диссертатсия хатоҳои имлоӣ, китобӣ, техникӣ мавҷуданд (бахусус дар матни русии он дар саҳ. 19-имлоӣ, саҳ. 28-техникӣ, яъне ҳангоми навиштани ихтисораҳо рақами тартибӣ хато гузошта шудааст), ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор аст.

3. **Тақризи** ба автореферати диссертатсия навиштаи доктори илмҳои филологӣ, мудири кафедраи забонҳои Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба С. Раҳимов Шафоатов Азал Нусратович мусбат буда, дар он чунин эродҳо қайд шудаанд:

- аз шиносоӣ бо автореферати диссертатсия чунин бармеояд, ки диссертант дар фасли “Таҳқиқи калимаҳои ифодакунандаи номи рустаниҳо дар осори адибони минтақаи омӯзиш” аз Гулназар Келдӣ, Қутбӣ Кином ва Бобо Ҳоҷӣ барин адибони муътабари зодаи маҳалли мавриди таҳқиқ ном намебарад. Хуб мешуд, ки зимни баррасии мавзуъ унвонҷӯ аз осори адибони номбурда низ истифода мекард;

- маънои баъзе вожаҳои шевагии махсусияти этникидошта бо забони адабӣ шарҳ дода нашудаанд.

4. **Тақризи** ба автореферат навиштаи номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Данғара Қодиров Дилшод Сайдаллоевич мусбат буда, дар он чунин эродҳо ҷой доранд:

- навишти тобишҳои овозӣ дар дастае аз вожагони шевагӣ аз рӯйи принсипи овонигорӣ на ҳамеша риоя гардидааст.

- аз автореферат бармеояд, ки он аз се боб иборат аст, аммо бо иллати техникӣ фаслҳои боби сеюм ҳамчун фаслҳои боби чорум унвонгузорӣ

шудаанд. Аз ин рӯ, ибораи “боби чорум” ба ибораи “боби сеюм” иваз мехоҳад.

- баъзе ғалатҳои имлоӣ, китобатӣ ва техникӣ ба автореферати диссертатсия роҳ ёфтаанд, ки ислоҳ мехоҳанд. Аз ҷумла, баъзе вожагон дар қаринаҳои гуногуни савтӣ – “кажа” (саҳ.16) ва “кажжа” (саҳ. 21) оварда шудаанд.

Муқарризони расмӣ ва ғайрирасмӣ дар баробари муайян кардани баъзе эроду нуқсонҳои диссертатсия ва автореферати он (тоҷикӣ ва русӣ) аҳаммияти ҷанбаҳои назарию амалӣ ва навоварии кор, инчунин дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро таъкид карда, онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 - Забони тоҷикӣ сазовор донистанд.

**Шурои диссертатасионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:**

- бо шароити ҷуғрофӣ ва хусусиятҳои таърихиву этнографии минтақаи мавриди омӯзиш **шинос шудааст**;
- вожагони ифодакунандаи номи рустаниҳо аз гӯйишҳои ноҳияи Айнӣ **ҷамъоварӣ ва гурӯҳбандӣ шудааст**;
- роҳҳои пайдоиш ва рушди вожагони ифодакунандаи номи рустаниҳо, ки аз гӯйишҳои минтақаи мавриди омӯзиш ҷамъ оварда шудаанд, **таҳқиқ гардидааст;**
- ҳудуди паҳншавӣ ва дараҷаи истифодаи вожагони ифодакунандаи номи рустаниҳо дар дохили гӯйишҳои минтақаи мавриди омӯзиш **баррасӣ шудааст**;
- таҳлили сохтори вожагони ифодакунандаи номи рустаниҳо дар гӯйишҳои минтақаи мавриди омӯзиш **сурат гирифтааст**;
- муқоисаи баъзе падидаҳои лексикологии гӯйишҳои ноҳияи Айнӣ бо шеваҳои дигари забони тоҷикӣ **сурат гирифтааст**.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки дар он хусусиятҳои луғавию маъноӣ ва сохтории таркиби луғавии яке аз гӯйишҳои ҳанӯз омӯхтанашудаи забони тоҷикӣ – гӯйиши ноҳияи Айнӣ дар мисоли воҳидҳои луғавии ифодакунандаи номи наботот бори нахуст мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтаанд ва натиҷаҳои он дар ҳалли баъзе масъалаҳои марбут ба умумияту тафовути системаи лексикаи гӯйишу шеваҳои забони тоҷикӣ мусоидат карда метавонад.

Аҳаммияти илмӣ-назарии таҳқиқ ҳамчунин дар он ифода меёбад, ки он барои таҳқиқоти минбаъдаи марбут ба гурӯҳҳои мавзуии таркиби луғавии забони тоҷикиву шеваҳои он метавонад ба сифати сарчашмаи боэътимод хизмат намояд.

Дар раванди таҳқиқи мавзуъ аз таълифоти назарӣ ва амалии забоншиносони маъруфи ватанию хориҷӣ, аз ҷумла В. С. Расторгуева, И. М. Оранский, М. Н. Боголюбов, А. А. Керимова, А. Л. Хромов, Л. В. Успенская, Л. С. Пейсиков, И. И. Зарубин, А. З. Розенфелд, А. В. Калинин, Ф. П. Филин, Н. М. Шанский, Л. Н. Киселева, Е. К. Молчанова, Б. Ниёзмуҳаммадов, Н. Маъсумӣ, Р. Ғаффоров, М. Қосимова, Л. Бузургзода, Ғ. Ҷӯраев, Б. Камолиддинов, Ҳ. Маҷидов, Д. Саймуддинов, С. Назарзода, С. Раҳматуллозода, М. Султонов, О. Қосимов, Д. Хоҷаев, Ш. Исмоилов, Ҷ. Алимӣ, О. Маҳмадҷонов, Ҳ. Ҳамроқулов, М. Эшниёзов, М. Маҳмудов, Б. Саъдуллоев, Ҷ. Мурватов, Б. Бердиев, Т. Мақсудов, М. Маҳадов, С. Мирзоев, Б. Тӯраев ва дигарон, ки ба масъалаҳои муҳимми забоншиносӣ, бахусус қисми шевашиносии он бахшида шудаанд, такя шудааст.

Ҳамчунин зимни муқоисаи ин ё он падидаи лексикии гӯйишҳои ноҳияи Айнӣ бо шеваҳои дигари забони тоҷикӣ аз фарҳангҳои мавҷудаи гӯйишҳо ва маводди корҳои таҳқиқотие, ки вобаста ба лексикаи шеваҳои дигари забони тоҷикӣ анҷом дода шудаанд, истифода шудааст.

Диссертатсия асосан, ба усули тасвирӣ-синхронӣ асос ёфтааст, вале барои муқоиса ва муайян намудани ҳудуди паҳншавии баъзе падидаҳои лексикологӣ усулҳои муқоисавӣ ва забонӣ-ҷуғрофиёӣ низ истифода гардидаанд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад**, ки натиҷаҳои он ҳангоми омӯзиши гурӯҳҳои мавзуии таркиби луғавии шеваҳои дигари забони тоҷикӣ метавонанд истифода шаванд. Маводди диссертатсия ҳамчунин барои таҳияи дастурҳои таълимӣ оид ба лексикология ва тадвини фарҳанги мукаммали шеваҳои забони тоҷикӣ метавонад мавриди истифода қарор дода шавад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд,** ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ консепсияҳои илмӣ ва назарияи забоншиносони ватанию хориҷӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқро сатҳи баррасии масъалаҳо, натиҷаҳои таҳқиқ, ки дар шакли мақолаҳои илмӣ нашр шудаанд, инчунин хулоса ва тавсияҳои диссертант вобаста ба мавзуи мавриди пажуҳиш собит менамоянд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмиро** таҳқиқи мавзуъ, дараҷа ва робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқ, вазифа, объект, марҳала, макон ва давраи таҳқиқ, асосҳои назарию методологӣ ва навовариҳои илмӣ таъйид мекунад. Масъалаи асосии таҳқиқ, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мешавад, ки калимаҳои ифодакунандаи номи рустаниҳо дар гӯйишҳои ноҳияи Айнӣ ҷамъоварӣ карда шуда, вижагиҳои луғавӣ-

семантикӣ ва сохтори сарфии онҳо таҳлилу баррасӣ гардида, ҷойи онҳо дар низоми луғати шеваҳои забони тоҷикӣ муайян карда шудааст.

Саҳми фардии довталаб ҳамзамон аз тарзи нигориш, масъалагузорӣ, услуби диссертатсия, нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, мақолаҳои илмии батабърасида аз натиҷаҳои таҳқиқи мавзуъ зоҳир мегардад.

Дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D. КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ аз 9-уми январи соли 2024 дар бораи ба Гулова Маъмура Нуровна додани дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ аз 15 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми декабри 2022, № 307/шд ба ҳайати Шуро ворид шудаанд, 12 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд.

Аз 12 нафар аъзои Шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 12 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Шарифзода Ф. Х.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ Юсуфов У. А.

09.01.2024